# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба дисссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руйи ихтисоси ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода хатмкунандаи ихтисоси молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, онро соли 2013 бо тахассуси «молия ва қарз» хатм кардааст. Аз соли 2021 то соли 2024 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, аз соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ба кор шуруъ намуда аст. Дар давраи унвонҷуӣ ва таҳияи рисолаи диссертатсионӣ дар якчанд коференсияҳои илмӣ-амалии байналмилаллӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Дар ҷараёни иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода 12 корҳои илмӣ чоп карда шудаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон руйи чоп омадаанд.

Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода мавзӯи рисолаи номзадиашро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳимияти онро асоснок намуда тавониста аст. Барои расидан ба мақсади дар доираи таҳқиқот вогузошташуда ва баррасии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд дар кори худ ба корҳои илмии базавии муҳақиқони ватаниву хориҷӣ, маводҳои амалӣ ва оморӣ ба гунаҳои васеъ такя карда шуда, таҳияи ва хулосабарориҳои илман асоснокшуда ироа кардааст.

Рисолаи таҳқиқотии унвонҷӯ дастнависи аз се боб ташаккулёфтаро инъикос мекунад, ки дар боби якум, асосҳои назариявию методологии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар пояи равишҳои лоиҳавӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявии татбиқи усули ҳадафманди барномавӣ ҷиҳати ташаккули буҷет, принсипҳо ва

шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ, таҷрибаи ҷаҳонии буҷетикунонии барномавиву лоиҳавӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифта, дар боби дуюм таҳлили ҳолат ва тамоюли буҷетикунонии рушди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати кунунӣ ва механизми буҷетии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳогузории самаранокии буҷетикунонии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шуда, дар боби сеюм бошад, самтҳои афзалиятноки буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта пешниҳодҳои мушаххас ироа гардидаанд.

Ба унвонҷӯ муяссар гардидааст, ки асосноккунии равишҳои назариявӣ–методии ташаккул ва рушд додани буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, аз ҷумла бахши корхонаҳои саноатӣ дар мисоли корхонаҳои бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконият фароҳам овардааст, ки хулосаҳояшро асоснок намуда, пешниҳодҳои худро вобаста ба тавсеа ва омӯзиши асосҳои назариявии татбиқи усули барномавию ҳадафманди ташаккулёбии буҷет, муайянсозии принсипҳо ва шароитҳои асосии татбиқи равиши барномавию ҳадафманд дар алоқа бо таҷрибаи хориҷии амалишавии он, таҳлили ҳолатҳои муосир ва муайянкунии тамоюлҳои буҷетикунонии рушди бахши саноат ва баҳогузории самаранокии он, асоснок намудани самтҳои коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин муайян сохтани хусусиятҳои татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври муфассал ифода намояд.

Дар раванди омодасозӣ ва таълифи рисолаи таҳқиқотӣ, аз тарафи муаллиф маводҳои амалӣ ҷамбаст карда шуда, усулҳои системавӣ,

муқоисакунӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, графикӣ, баҳодиҳии қиёсӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ва пешгӯикунӣ, таҳлил ва ғ. истифода гардидааанд.

Дар маҷмуъ метавон бо боварии комил зикр намуд, ки Ҳанифаи Э.А. ба иҷрои мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бомуваффақият ноил гардида, таҳқиқоти диссертатсиониаш мантиқан баанҷомрасида, кори илмии мустақилона иҷрошудаи дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамбасти илман- ассоноккардашуда буда, тавсияҳои амалии он, муқаррароти назариявиаш, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмиии таҳқиқот доир ба самаранокии низоми буҷетӣ ва такомули буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар равона шудаанд.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории кори диссертатсионии Ҳанифаи Э.А. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295) нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ бада, ба ҳимоя барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руйи ихтисоси ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, мудири кафедраи
баҳисобгирии бухгалтерии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатзода М.Х.

Имзои Давлатзода М.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

06.11.2024